**Хулосаи**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии № 52**

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 09-уми апрели соли 2021, №52 дар бораи ба Қурбонализода Фурқат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 15-уми декабри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми июни соли 2019, № 133) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Қурбонализода Фурқат 28-уми майи соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2009 ба шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 хатм намудааст. Аз соли 2016 то соли 2020 аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаи он муҳокима карда шуда, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №2 аз 29-уми августи соли 2020).

**Роҳбари илмӣ**: **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** – мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Исмоилов Шавкат Маҳмудович** – профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон; **Қодирзода Тоҳир Қамар** – раиси Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипоnоматия ва сиёсати АИДНПҶТ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзоев П.И. имзо ва аз ҷониби Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10 – 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок мебошад. Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти

диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар диссертатсия он, инчунин дар автореферат дарҷ ёфтаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи граждани дар Тоҷикистон алоқамандии зич дорад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Қурбонализода, Ф. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии масъулияти шаҳрвандии интиқолдиҳанда ҳангоми интиқоли мусофирон / Ф. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – 2017. – № 2 / 1.– С. 233–237. (0,25 ҷ. ч.).

**[2-М].** Қурбонализода, Ф. Мазмуни ухдадориҳое, ки аз иҷро накардан ё иҷрои номатлуби вазифаҳои боркашон бармеоянд / Ф. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – 2017. – № 2 / 3. – С. 203–210. (0, 44 ҷ.ч.).

**[3-М].** Қурбонализода, Ф. Ҷавобгарии гражданӣ – ҳуқуқии интиқолдиҳанда барои таъхири дери мусофир ё вайрон кардани мӯҳлати расонидани мусофир ба ҷои муайян / Ф. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – 2019. – № 2.– С. 245–253. (0, 5 ҷ. ч.).

**[4-М].** Қурбонализода, Ф. Таснифи ҷавобгарии гражданӣ – ҳуқуқии интиқолдиҳанда ҳангоми интиқоли мусофирон / Ф. Қурбонализода //

Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2019.– №1 (25). – С. 157 – 169. (0,75 ҷ. ч.).

**[5-М].** Қурбонализода, Ф. Баъзе масъалаҳои иҷрои уҳдадории мусофиркашонӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2020. – №2 (30). – С. 203 – 213. (0.62 ҷ. ч.).

**[6-М].** Қурбонализода, Ф. Аломатҳои муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофирон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2020. – №3 (31). – С. 200 – 206. (0.37 ҷ. ч.).

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар маҷаллаҳо чоп шудаанд:**

**[7-М].** Қурбонализода, Ф. Танзими ҳуқуқии чораҳои муҳофизатӣ, ки нисбати мусофирон дар сурати иҷро накардани интиқолдиҳанда татбиқ карда мешаванд / Ф. Қурбонализода // Системаи миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: Таҳлили тамоюлҳо ва дурнамои рушд «Конфронси V байналмилалии илмӣ ва амалӣ» (Душанбе, 31 октябри 2017). – С. 213 – 216. (0, 2 ҷ. ч.).

**[8-М].** Курбонализода, Ф. Ҷавобгарии граждании – ҳуқуқии интиқолдиҳанда ҳангоми ҳамлу нақли мусофирон / Ф. Қурбонализода // Маводи конфронси ҷумхуриявии илмӣ-назариявии олимони чавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Мактаби сулхпарваронаи Пешвои Миллат – Роҳнамои бароҳпарваронаи Пешвои Миллат – Роҳнамои 20-сола». – Душанбе, 2018. – С. 210 – 215. (0,3 ҷ. ч.).

**[9-М].** Қурбонализода, Ф. Баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии чораҳои ҷавобгарии молумулкии интиқолдиҳанда ҳангоми ҳамлу нақли мусофирон / Ф. Қурбонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон.– Душанбе –2018.– №1 / 3 – С. 85 – 90. (0, 3 ҷ. ч.).

**[10-М].** Қурбонализода, Ф. Ҳуқуқи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: васоити таълимӣ. / Ф. Қурбонализода. – Душанбе:

«Хирадмандон», 2020. – 152с. (9, 5 ҷ. ч.). – Бо ҳаммуаллифии Ғаюров Ш.К., Қурбонов Қ.Б., Одиназода Р.С.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ Саидмуродзода Ш., мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи федералии Қазон (Приволжск), доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Арсланов К.М., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании ва оилавии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Қирғизистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Тешебаева А.Н., декани факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи фанҳои ҳуқуқи граждании Донишгоҳи давлатии Чуваши ба номи И.Н. Улянов, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Иванова Е.В.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба тартиби бастани шартномаи мусофиркашонӣ дар нақлиёти истифодаи умум, таҳрири меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор, рафтори ғайриинтизомии мусофиркаш нисбати мусофирон, мушахас намудани тартиби ҷуброни зарари маънавӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ:** Ошкор намудани асосҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон, кушодани мафҳум ва хусусиятҳои хосси ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон, таҳлили ӯҳдадориҳои мусофиркашон, баррасии чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарии молумулкие, ки дар мавриди иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои мусофиркашон татбиқ мешаванд, омӯзиши масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон барои ба таъхир андохтани мусофиркашонӣ ё сари вақт ба маҳалли таъйинот нарасонидани мусофирон, мушаххас

намудани ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофир, асосноккунии чораҳо оид ба такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон **коркард карда шудааст,** ҷиҳати такмили механизми ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон **пешниҳод шудааст**.

Дар соҳаи ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонӣ бисёр вақт ҳуқуқвайронкуниҳо ва ихтилофоте сар мезананд, ки сабабҳои гуногун доранд ва бояд дар меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ инъикоси баробарвазни хешро пайдо намоянд. Ҳимоя намудани ҳуқуқҳои субъективии мусофиркашон ва контрагентҳои он аз бисёр ҷиҳат ба самарабахшии институти ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ вобаста аст, ки ҳамин масъала аҳаммияти мавзӯи ин таҳқиқотро **исбот намуда**, зарурати коркарди равишҳои навро оид ба ҳалли проблемаҳои ба ин институти ҳуқуқи гражданӣ алоқамандро ба миён мегузорад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки** хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада ва пешниҳодоти дар ҳамин асос ҳосилшуда ба такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон мусоидат мекунанд.

асосҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон муайян карда шудааст;

масоили мубрами проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

дар хусуси такмил ва рушди КГ ҶТ дар бахши хизматрасонии нақлиёти пешниҳоду тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ҳалли вазифаҳои гузошташуда тавассути методҳои умумиилмии таҳқиқот: муқоиса, таҳлил, методҳои маърифати таърихӣ ва дигар методҳои хусусии илмӣ **истифода бурда шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

– таклифу пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми коркард ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, ки ба масъалаҳои такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон дахл доранд, **истифода бурда шаванд;**

– маводи диссертатсия метавонад ба ҳайси асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи ин соҳа, барои тадриси курсҳои омӯзишии «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи нақлиёт», инчунин курсҳо ва семинарҳои ихтисосии ҳуқуқи гражданӣ дар факултаҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои олии таҳсилоти касбии ҶТ истифода гардад;

Ҳангоми таҳияи диссертатсия муаллиф аз осори илмии олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Б.С. Антимонов, Н.Г. Александров, И. Брауде, В.А. Белов, Е.Е. Богданов, С.Н. Братус, М.И. Брагинский, О.Ю. Бакаев, Н.В. Витрук, В.В. Витрянский, В.П. Грибанов, И.Ғ. Ғафforзода, А.Г. Диденко, Б.Д. Завидова, С.А. Зинченко, О.С. Иоффе, Ю.Х. Калмиков, Қ.Б. Қурбонов, К.Ш. Қурбонов, В.П. Мозолин, Н.С. Малеин, Ҷ.С. Муртазозода, О.С. Иоффе, Е.А. Суханов, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.С. Сулаймонов, С.Н. Тағоева, Е.А. Флейшитс, Г.Ф. Шершеневич, Н. Шонасурдинов, истифода намудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ нишон доданд, ки:**

– нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ташаккул ва инкишофи механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ марбут ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, **мувофиқат мекунанд;**

– дар рисолаи диссертатсионӣ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуктаҳои илмӣ ва

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 6 нафарашон доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ, доктори**
**илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор** **Азиззода У.А.**